# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия пешниҳод шудааст**

Мубраммии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Асоев Сайёд Эмомалиевич ин дар самтҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2040 дар назди илм коркарди роҳҳои муфиди таҳқиқотҳои илмӣ оид ба дастории маҳсули дасти олимон ва корҳои иноватсионӣ гузошта шудааст.

Аз ин рӯ, вазифаҳои асосие, ки дар назди биохимия гузошташудааст, ин пеш аз ҳама такмили номгӯйи маводи танзимкунандаҳои афзоиши растаниҳо бо роҳи тавлиф, омӯзиши мунтазами онҳо ва пайванди натиҷаи ба дастомада дар истеҳсолот мебошад.

Асоев Сайёд Эмомалиевич соли 2010 ба факултаи биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси биолог омӯзгор дохилшуда, онро соли 2015 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи аспирантура аз руйи ихтисоси 03.01.04-Биохимия дар Маркази инноватсионии биология ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон соли 2019 зинаи мазкурро бо ихтисоси 03.01.04-Биохимия хатм намудааст. Асоев С.Э. аз соли 2016 ба ҳайсси аспиранти шуъбаи рӯзонаи Маркази инноватсионии биология ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва аз соли 2015 лаборант, ходими хурди илмӣ, ходими илмӣ ва ходими калони илмӣ дар озмоишгоҳи «Химияи глитсерин»-и ба номи д.и.х., профессор Б.Ҳ. Кимсанов Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Кори диссертатсионӣ аз муққадима ва 3 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 162 номгуйро дар бар мегирад, аз он ҷумла 148 номгуйи бо забони русӣ ва тоҷикӣ 14-хориҷӣ ва 27- номгуйи корҳои илмии довталаб иборат аст.

Дар муққадима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ассоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёби гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Шарҳи адабиёт маълумоти умумӣ оид ба аҳамияти физиологӣ-биохимиявии фиторегуляторҳо дар раванди ҳаётии растаниҳо». Дар натиҷаи кофтукобҳои маълумоти адабиёти оид ба

синтез ва муайянкунии моддаҳои фаъоли биологӣ ва инчунин ҳосилаҳои пайвастагиҳои аминокислотагию пептидии глитсеринӣ ва фулерен $C_{60}$-ро ба итмом расонда метавон гуфт, ки моддаҳои мураккаби ҷустуҷӯи моддаҳои нави аз ҷиҳати биологи фаъол барои глитсерин ва аминокислотаҳо яке аз вазифаҳои дақиқу аниқ дар назди таҳқиқгарони ин самт пойдор мемонад.

Дар боби дуюм «Қисми экспериментали (таҷрибавӣ). Объекти таҳқиқот ва шароити гузаронидани таҷрибаҳо» Барои иҷрои кори дисертатсионӣ объекти таҳқиқот тухмии босифати навъҳои гандумии «Наврӯз» ва «Ватан», ки дар шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон парвариш карда мешаванд, инчунин 18 пайвастаҳои ҳосилаҳои глитсеринии дорои боқимондаҳои аминокислотаҳо, пептидҳо ва фуллерен $C_{60}$, ки аз ҷониби муалифон: Раҷабов С.И., Одинаев С.Х., Мустафакулова Р.А., Самандаров Н.Ю., Обидов Ҷ.М., Гулов А.А., Исмоилзода С.С., солҳои 2012-2016 синтез карда шуда будаанд, барои санҷиш гирифта шуда, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуданд.

Дар боби сеюм «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ- пептидии глитсерин ба афзоиш ва рушди тухмии гандуми навъҳои «Наврӯз» ва «Ватан» (*Triticum* L.) оварда шудааст». Таъсир ва механизми пайвастагиҳои мо ба он равона шудааст, ки ба монанди бисёри афзоиштанзимкунандаҳои табиӣ дар таркиби молекулаҳои худ бисёр гурӯҳои химиявии функсионали, ки қобилияти баланди гузариши рексиониро доро мебошанд:

*-COOH,* $-NH_2$, -S, $-C_{60}$, -CO- NH, -OH, $-C_2H_5$.

Ин гурӯҳои химиявии функсионалӣ дар боло буда нишон медиҳанд, ки пайвастаҳои мо вобаста ба ғализати моддаҳои истифода шуда онҳо ба раванҳои варамкунӣ ва нашъунамо дар марҳилаи аввали онтогенези рустаниҳо қобилияти гузариши реаксияҳоро доро мебошанд, ки инчунин таъсири хуб мерасонанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои ассосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарорӣи диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04-Биохимия барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
директори ИИТ ДМТ,
доктори илмҳои химия, и.в. профессор Раҷабзода С.И.

«11» 07. 2024

Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
4 гузаргоҳ, х.5, ҳуҷ. 3.
Телефон: (+992)904600460
E-mail: ikromovih80@ mail.ru.

Имзои директори ИИТ ДМТ, и.в. профессор С.И. Раҷабзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои ИИТ ДМТ Раҳматуллоева З.

Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992)-37-227-88-95
E-mail: iintnu@ mail.ru.

«11» 07. 2024